**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 дар назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Парвандаи аттестатсионии № 32**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 07. 12. 2024, № 32.3**

Барои сазовор донистани Раҳматуллоев Ашрафҷон Умедҷонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

Диссертатсия дар мавзуи "Захираҳои иттилоотӣ дар низоми омилҳои рушди минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя 28 августи соли 2024 қабул карда шудааст, протоколи №32.2-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкр-ни 17, бинои 1), ки бо фармоиши Раиси КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.10.2024, №403/шд бо тағйиру иловаҳо аз нав тасдиқ шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Раҳматуллоев Ашрафҷон Умедҷонович, санаи таваллуд 02 сентябри соли 1995, соли 2018 Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷандро хатм намудааст, ҳоло дар вазифаи ассистенти кафедраи молшиносӣ ва фаъолияти гумрукии факултети тиҷорат, фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети тиҷорат, фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ризозода Тӯра Раббим, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҷӯраева Адолат Орифовна**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Нусратзода Муҳаммадӣ Нусрат**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе). Дар хулосаи мусбати муассиса, ки аз тарафи раиси маҷлис - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт Соҳибов Ф.Х., котиби маҷлис - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо Нурублоева М.М., эксперт - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сафаров Б.Г. ба имзо расонида шуда, аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, қайд шудааст, ки кори диссертатсионӣ таҳқиқоти мустақилона ва баанҷомрасонидашуда мебошад, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад ва муаллифи он Раҳматуллоев Ашрафҷон Умедҷонович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи кори диссертатсионӣ 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

**Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:**

[1–М]. Рахматуллоев А.У. Методические подходы к оценке эффективности использования информационных ресурсов в региональной экономике [Текст] / Т.Р. Ризокулов, А.У. Рахматуллоев // Научно – теоретический журнал “Экономика Таджикистана”. - Душанбе, 2023. - № 4. – С. 221 – 229.

[2–М]. Рахматуллоев А.У Зарубежный опыт в управлении информационными ресурсами и развитием информационной инфраструктуры региона [Текст] / А.У. Рахматуллоев // Вестник БГУ Научно – теоретический журнал.– Бохтар, 2023. - №4.2. – С. 193–198.

[3–М]. Раҳматуллоев А.У. Технологияҳои иттилоотии ҷуғрофӣ ҳамчун рушди инноватсионии захираҳои иттилоотӣ дар идоракунии минтақавӣ [Матн] /А.У. Раҳматуллоев // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2024. №1 (40). – С. 135 – 140.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

**1. Садриддинзода Манучеҳр Исломиддин -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Ба андешаи мо хубтар мешуд, ки муаллиф дар таҳқиқи илмии худ барои таъмини ҳифзи иттилоот дар замони муосир ва ба тайёр намудани IT – кадрҳо бештар аҳаммият зоҳир менамуд; 2) Дар автореферати мазкур хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

**2. Амонова Дилбар Субҳоновна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Муаллиф дар таҳқиқи илмии худ бояд муаммоҳои асосии таъмини амнияти иттилоотӣ дар асоси талаботи муосири соҳавӣ ва омода намудани мутахассисони соҳаи зеҳни сунъӣ бештар аҳамият зоҳир менамуд; 2) Дар автореферати мазкур хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

**3. Раҳмонзода Шараф Абдусамад -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба корҳои иқтисодӣ – молиявии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров бо эродҳои зерин: 1) Зарурати таҳлили амиқтари баъзе ҷиҳатҳо, масалан, таъсири омилҳои беруна ба истифодаи захираҳои иттилоотиро метавон муфассалтар баён кард; 2) Набудани мисолҳои мушаххас: дар рисола овардани мисолҳои мушаххаси татбиқи бомуваффақияти усулҳои пешниҳодшуда дар дигар минтақаҳо ё кишварҳо метавонанд далелҳоро тақвият бахшанд.

**4. Мирсаидова Ф.А.** - номзади илмҳои иқтисодӣ, омӯзгори калон, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1) Дар автореферат маводҳои иллюстратсионӣ ба мисоли диаграммаҳо, схемаҳо кам ба назар мерасанд; 2) Автореферат дорои хатоиҳои орфографӣ ва грамматикӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок карда шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе) оид ба самти илми дахлдор дастовардҳои назаррас дорад ва

қодир аст, мутобиқати муҳтавои диссертатсияро ба ихтисос ва соҳаи илм муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шудааст:*** муқаррароти илмӣ – амалӣ оид ба таъсиси маркази иттилоотӣ – машваратӣ дар минтақа, фонди захираи иттилоотии “Муҳити корӣ”, низоми геоиттилоотии минтақавӣ, маркази иттилоотӣ – машваратӣ, такмили принсипҳои идоракунии иттилоот, таҷдиди манбаъҳои маблағгузорӣ барои ташаккули иқтисодиёти иттилоотӣ, ки баҳри иҷрои ҳадафҳои стратегии давлатӣ тавассути идораи самараноки иттилоот ҳамчун захираи истеҳсолот равона гардидааст;

- ***ақида пешниҳод шудааст:*** ташаккул додан ва истифодаи самараноки захираҳои иттилоотӣ дар низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа, ки ба ҳалли масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ, афзоиши шуғли аҳолӣ дар оянда мусоидат менамояд, ифода меёбад;

- ***исбот шудааст***, ки дар фаъолияти корхонаҳои вилояти Суғд муаммоҳои боздорандаи таъмини самаранокии захираҳои иттилоотӣ мавҷуд аст. Алалхусус, норасоии воситаҳои пулӣ барои ҷалби техника ва технологияи муосир, нокифоягии иттилоот оид ба дастовардҳои арзишноки илмӣ, душвории дастрасӣ ба шабакаи Интернет, номувофиқатии донишу малакаи кор бо IT–технологияҳо дар бештари корхонаҳо;

- ***ворид намудани*** тағйирот ба мундариҷаи предмети таҳқиқ, ки тибқи он “Захираҳои иттилоотӣ – маҷмуаи маводҳо, ахбор, хабарҳои ҳуҷҷатии ҷамъшудаи низомбандигардида, маълумоти илмӣ мебошанд, ки дар ниҳодҳои махсус (китобхона, бойгонӣ, анбори иттилоот) дар шакли навиштаҷот ё ин ки электронӣ нигоҳ дошта, натиҷаи фаъолияти зеҳнии инсон мебошанд, ки арзиш ва арзиши истеъмолӣ доранд ва барои қонеъ намудани талабот ба иттилоот равона гардидаанд”.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- ***исбот намудани*** ташаккули иттилоот ҳамчун омили калидӣ дар ҷараёнҳои истеҳсолот, истеъмолот, мубодила ва тақсимот дар шароити муосири тамаддуни ҷомеа, ки дар радифи дигар омилҳои истеҳсолот (сармоя, замин ва захираҳои меҳнатӣ) баҳри баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ дар минтақа мусоидат менамояд;

- ***истифода бурдани*** усулҳои қиёсӣ, таҳлили ниҳодӣ, мантиқӣ–таърихӣ ва усули таснифот, инчунин принсипҳои диалектикӣ, маҷмуӣ, усулҳои оморӣ,

иқтисодӣ–математикӣ, шохисӣ, алалхусус, усули пурсиш баҳри ҳал намудани вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда;

- ***баён шудани*** таҷрибаи хориҷӣ оид ба идоракунии захираҳои иттилоотӣ, ки дар асоси он ҷанбаҳои қобили қабул муайян карда шудааст. Аз ҷумла, ташаккули шароити мусоид, таъминнокии кибербехатарӣ (ИМА); сармоягузории хориҷӣ ба соҳаи иттилоот (Канада, Ҳиндустон); тартиби сабуки иҷозатномадиҳӣ (Дания, Финляндия); пешбурди шаклҳои электронии хизматрасониҳои давлатӣ (Британияи Кабир); марказонидани фаъолияти соҳаҳои инфрасохторӣ (Русия); милликунонӣ, хизматрасониҳои иттилоотӣ (Бразилия), шарикии давлатию хусусӣ (Юнон). Инчунин истифодаи принсипҳои зерин низ мувофиқи мақсад аст: ҷалбкунӣ ва таълими IT–кадрҳо; рақамикунонӣ; стартапҳои рақамӣ; ҳавасмандкунонии ҷараёнҳои инноватсионӣ ва рушди соҳаҳои илмталабиашон баланд;

- ***ошкор гардидани*** омилҳои асосии мамониаткунанда дар рушди инфрасохтори иттилоотӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд. Аз ҷумла: омилҳои ниҳодӣ (гаронии андоз дар бахши хизматрасонии иттилоотӣ, норасоиҳо дар қонунгузорӣ оид ба рушди IT, набудани барномаи рушди инфрасохтори иттилоотӣ дар шаҳру ноҳияҳои в. Суғд); иҷтимоӣ–иқтисодӣ (нокифоягии даромади аҳолӣ, сатҳи шуғлнокӣ, надонистани забонҳои хориҷӣ); табиӣ–ҷуғрофӣ (набудани роҳҳои баҳрӣ, сатҳи баланди сейсмикӣ); кадрӣ (норасоии кадрҳои IT); омили молиявӣ (маҳдудияти имкониятҳои молиявии корхонаҳои ватанӣ);

- ***омӯхта шудани*** услубҳои гуногуни методӣ оид ба арзёбии сатҳи истифодаи захираҳои иттилоотӣ, меъёрҳои асосии самаранокии онҳо, ки дар беҳтар намудани ҷараёни идоракунӣ, ташкили меҳнат, истеҳсолот, фаъолнокии эҷодии кормандон инъикос меёбад. Алгоритми арзёбии истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти минтақа муайян гардидааст. Тибқи он марҳилаҳои зерин муайян карда шудаанд: таъсиси низоми иттилоот; муайянкунии сатҳи дастрасӣ ва истифодабарӣ; вазъи инфрасохторҳои иттилоотӣ; таъминнокӣ бо технологияи иттилоотии рушди иқтисодиёти минтақа;

- ***аз нав такмил додани*** сомонаҳои расмии шаҳру ноҳияҳои вилоят, ки баҳри иҷрои ҳадафҳои ҳукумати электронӣ дар маҳалҳо ташкил ва фаъолият карда истодаанд. Зеро дар ин самт новобаста аз муваффақиятҳо норасоиҳо низ, аз ҷумла механизми сусти пешниҳоди иттилоот, сатҳи нокифояи ҷаззобияти сомона ва ғайра мушоҳида мегарданд, ки минбаъд бояд ислоҳи худро ёбанд;.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

***ҷорӣ карда шудаанд:*** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни такмил додани идоракунии захираҳои иттилоотӣ, коркарди барномаҳои махсуси рушди иқтисодиёти минтақа, ки аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои вилояти Суғд (маълумотнома дар бораи татбиқ аз 08. 04. 2024, таҳти № 32/4-7) ва дар раванди таълиму тадрис дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маълумотнома оид ба татбиқ аз 08.04.2024, таҳти № 280) истифода карда шудаанд;

- ***муайян карда шуданд*,** амсилаи таъсиррасонии захираҳои иттилоотӣ ба сатҳи рушди иқтисодиёти вилояти Суғд дар шароити муосир. Дар асоси он исбот карда шудааст, ки дар рушди иқтисодиёти минтақа омили инсонӣ нақши пешбарро дорад, вале саҳми захираҳои иттилоотӣ ҳоло назаррас намебошад;

- ***муаррифӣ карда шуданд,*** ки ташаккул ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ дар вилояти Суғд тибқи нишондиҳандаҳои зерин арзёбӣ карда мешавад: пойгоҳи техникӣ (компютерҳои инфиродӣ, телефонҳо, интернет, хизматрасонии алоқа); пойгоҳи сармояи инсонӣ (донишҷӯёни мактабҳои олӣ, аспирантон, шуғли аҳолии маълумоти олӣ дошта, шуғл дар соҳаи илм, хароҷот барои инноватсия); пойгоҳи институтсионалӣ (қонун, барнома, лоиҳаҳо); пойгоҳи иттилоотӣ (китобхонаҳо, анбори маълумот, нашриёт, сомонаҳо); пойгоҳи ташкилӣ (корхонаҳои хизматрасонии иттилоотӣ, ширкатҳои барноманависии компютерӣ, хароҷоти буҷет ба соҳаи иттилоот ва алоқа).

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- ***назария*** ба муқаррароти илмӣ-назариявии иқтисодиёти минтақа, консепсияҳои иқтисодиёти иттилоотӣ, назарияи омилҳои истеҳсолот такя намуда, дар асоси интихоби усулҳои муносиби таҳқиқоти микдори кофии маводҳои омӯзишӣ, коркард ва таҳияи амсилаи иқтисодию математикӣ дар диссертатсия исбот карда шудааст;

- ***ғояи*** тадқиқот дар асоси асарҳои бунёдии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, ки ба таҳқиқи ташаккул додан ва самаранок истифода бурдани захираҳои иттилоотӣ бахшида шудааст, паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти рақамикунонии иқтисодиётро дар саросари кишвар, аз ҷумла дар минтақаҳо

танзим мекунанд, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот”, “Дар бораи ҳифзи иттилоот”, барномаҳои давлатии “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ва консепсияи ҳукумати электронӣ, ***асоснок шудааст;***

- ***муайян шудааст:*** дар таъминнокии субъектҳои хоҷагидорӣ бо технологияи иттилоотӣ ш. Хуҷанд, н. Айнӣ, н. Б. Ғафуров мавқеи пешқадам доранд; дар ин самт дар н. Куҳистони Мастчоҳ, н. Ҷ. Расулов, н. Зафаробод, ш. Истиқлол қафомонии назаррас ба мушоҳида мерасад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- иштироки бевоситаи унвонҷӯ дар интихоби мавзуъ, ҷамъоварии маводҳо, тартиб додани нақшаи диссертатсия, иҷрои он, гузаронидани пурсиш, коркарди маводҳои таҳқиқот, баромад ва маърузаҳо дар семинарҳои илмӣ-назариявӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва нашри мақолаҳо;
- аз рӯйи мавзуи кори диссертатсионӣ интишори 11 мақола бо ҳаҷми умумии 3,5 ҷ.ч., аз ҷумла 3 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар маҷлис аз 07 декабри соли 2024 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Раҳматуллоев Ашрафҷон Умедҷоновичро ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктори илм, 1 нафар номзади илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 11 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси шурои
диссертатсионии 6D.КОА-013,
д.и.и., дотсент — Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент — Назаров Хуршед Собирҷонович

07 декабри соли 2024